«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
С. Наҷмиддинов
аз “10” декабри соли 2012
№3-12а/3

«Тасдиқ шудааст»
бо Фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “07” декабри соли 2012
№13-ф

**Дастурамал**
**«Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози ягона»**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамал дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози ягона (минбаъд – «Дастурамал») дар асоси қисми 4 моддаи 305 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – «Кодекси андоз») таҳия шуда, супорандагони андоз, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз, давраи андоз, тартиби ҳисоб кардани андоз, тартиб ва муҳлати пардохти андоз ва имтиёзҳои андозро муайян менамояд.

2. Низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (минбаъд – андози ягона) низоми махсус барои андозбандии субъектҳое мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд. Андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода карда мешавад, ки барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

## 2. Супорандагони андоз

3. Супорандагони андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ эътироф карда мешаванд, ки ба шартҳои банди 2 ҳамин Дастурамал мувофиқат менамоянд. Супорандагони андози ягона субъектҳои соҳибкории хурде эътироф карда мешаванд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд ва барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

4. Тибқи банди 37) қисми 1 моддаи 17 Кодекси андоз маҳсулоти кишоварзӣ ин натиҷаи ибтидоии (маҳсули) парвариши растаниҳои кишоварзӣ, чорво ва дороиҳои дигар биологӣ, ки таҳти коркарди минбаъда қарор нагирифтааст, мебошад.

*Мисол: Бо қарори Раиси шаҳри Исфара аз 10.05.2017 дар ҷамоати деҳоти Навгилем ба хоҷагии деҳқонӣ аз ҳисоби заминҳои захираҳои озоди давлатӣ 2 га замини кишти обёрии мошинӣ ва 3 га чарогоҳ ҷудо карда шудааст.*

*Бо назардошти он, ки қитъаи замин ба хоҷагии деҳқонии "Мирзораҳим" дар моҳи майи соли 2017 ҷудо гардида аст, уҳдадории ҳисоб ва пардохти андоз аз лаҳзаи ҷудо гардидани замин ба хоҷагии мазкур ба миён меояд. Яъне аз моҳи майи соли 2017 барои 8 моҳи минбаъдаи соли 2017.*

5. Супорандаи андози ягона дар қисми фаъолияте, ки бо андози ягона андозбандӣ мешавад, аз пардохти андозҳои зерин озод карда мешавад:

а) андоз аз фоида (андози низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд), ба истиснои даромадҳои дар манбаи пардохт андозбандишаванда;

б) андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашудае, ки ҳангоми воридоти молҳо ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад ва (ё) дар ҳолати анҷом ёфтани амалиётҳои дар манбаи пардохт андозбандишаванда;

в) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

г) андози замин;

д) андози даромад аз даромадҳои вобаста ба фаъолияти кишоварзӣ бадастовардаи аъзои хоҷагии деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, ки супорандаи андози ягона мебошад;

е) андозҳо барои захираҳои табиӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки обҳои зеризаминиро барои эҳтиёҷоти хоҷагидории худ ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ истихроҷ менамоянд.

6. Ҳуқуқи гузариш ба пардохти (мондан ҳамчун супорандаи) андози ягонаро инҳо надоранд:

а) андозсупорандагоне, ки ба истеҳсоли молҳои зераксизӣ машғуланд;

б) андозсупорандагоне, ки дар бизнеси бозӣ фаъолият менамоянд;

в) муассисаҳои давлатӣ;

г) андозсупорандагоне, ки низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурдро (барои фаъолияти асосиаш) истифода менамоянд;

е) андозсупорандагоне, ки низомҳои имтиёзноки андозро истифода менамоянд.

## 3. Объекти андозбандӣ, манбаи андоз

7. Объекти андозбандии андози ягона қитъаи замини истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ба истиснои заминҳои мутобиқи боби 7 ҳамин Дастурамал аз андози ягона озод.

8. Манбаи андоз масоҳати қитъаи замини ҷудокардашуда (истифодашаванда) мебошад.

***Мисол:*** *Ба хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Сафарали» дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 10 га заминҳои обёрии табиӣ ва 50 га заминҳои кишти лалмӣ ҷудо карда шудааст.*

*Дар соли 2013 хоҷагӣ воқеан аз 10 га замини обӣ 8 га-ро аз 50 га замини лалмӣ 45 га-ро барои истеҳсоли (парвариши) маҳсулоти кишоварзӣ истифода намуд.*

*Дар мисоли мазкур новобаста аз ҳаҷми амалан истифодашудаи қитъаи замин барои истеҳсол ва парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози ягона замини ҷудошуда, яъне 10 га замини обӣ ва 50 га замини кишти лалмиро ҳисобида мешавад.*

***Мисол:*** *Ба хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Сафарали» дар ноҳияи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 10 га замини обӣ ва 50 га замини кишти лалмӣ ҷудо карда шудааст.*

*Дар просесси амалӣ намудани назорати андоз ошкор карда шуд, ки дар соли 2013 Хоҷагӣ барои истеҳсол ва парвариши маҳсулоти кишоварзӣ амалан 12 га замини обӣ ва 55 га замини лалмии киштукорро истифода намудааст.*

*Дар ин мисол новобаста аз андозаи қитъаи замини ҷудошуда барои истеҳсоли (парвариши) маҳсулоти кишоварзӣ (10 га замини обӣ ва 50 га замини кишти лалмӣ) манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози ягона масоҳати қитъаи замини дар амал истифодашуда, яъне 12 га замини обӣ ва 55 га замини кишти лалмӣ) ҳисобида мешавад.*

9. Мутобиқи моддаи 64 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминҳои таъиноти кишоварзи аз заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, заминҳои партов, заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо, заминҳое, ки дар онҳо роҳҳои дохилихоҷаги, коммуникатсияҳо, обанборҳо, иншоотҳои гидротехники ва биною иморатҳо воқеъ буда, барои истеҳсол, нигоҳдори ва коркарди аввали маҳсулоти кишоварзи истифода мешаванд, ҳамчунин дигар заминҳои ғайрикишоварзии дар дохили гурӯҳи мазкури заминҳо ҷойгиршуда иборат мебошанд.

Бинобар ин, на ҳамаи заминҳои ба андозсупоранда ҷудошуда барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода шаванда мебошанд. Дар ҳама ҳолат новобаста аз он ки қитъаи алоҳидаи замини ҷудошуда барои мақсадҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд ё не манбаи андоз масоҳати қитъаи замини ба андозсупоранда ҷудошуда ба ҳисоб меравад.

Дар ин сурат қитъаи замине, ки барои мақсадҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешавад бо меъёрҳои муқаррарнамудаи банди 11 ҳамин Дастурамал андозбандӣ карда мешавад, ва заминҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ корношоям мебошанд бо меъёрҳои пешбининамудаи банди 12 Дастурамали мазкур андозбандӣ карда мешаванд.

***Мисол:*** *Хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Пахта» дар шаҳри Конибодом 10 га замини обёрии табиӣ, 50 га замини кишти лалмӣ, 220 га чарогоҳ, 25 га зери*

*роҳҳо ва биноҳо бандбуда ва 110 га дигар заминҳое, ки барои истеҳсоли кишоварзӣ истифода намешаванд, дорад.*

*Дар ин мисол новобаста аз он ки қитъаи алоҳидаи замини ҷудошуда барои мақсадҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешавад ё не манбаи андоз ҳамаи масоҳати қитъаи замини ба андозсупоранда ҷудошуда, яъне 415 га (10+50+220+25+110) ҳисобида мешавад.*

*Дар ин сурат 135 га масоҳати қитъаи замин, ки барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешавад бо андози ягона бо меъёрҳое, ки дар банди 12 Дастурамали мазкур пешбинӣ шудаанд, андозбандӣ карда мешаванд ва 280 га масоҳати қитъаи замине, ки барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд бо меъёрҳои пешбининамудаи банди 11 ҳамин Дастурамал андозбандӣ карда мешаванд.*

10. Ӯҳдадории андоз оид ба андози ягона аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ надошта, дар шакли пардохт барои масоҳати замини вобасташуда муқаррар карда мешавад.

## 4. Меъёрҳои андози ягона, давраи андоз

11. Меъёрҳои андози ягона дар минтақаҳои кадастрӣ бо дарназардошти ноҳияҳои кӯҳӣ аз ҳар як гектар замин барои соли тақвимӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар 5 сол муқаррар карда мешаванд.

12. Меъёрҳои андози ягона барои дигар заминҳо, ки дар банди 11 ҳамин Дастурамал муайян нашудаанд, ба меъёрҳои заминҳои дахлдори бо андози замин андозбандишаванда баробар карда мешаванд.

13. Оид ба заминҳои кишти обӣ, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, меъёри андози ягона дар ҳаҷми нисфи меъёри мутобиқи банди 11 ҳамин Дастурамал муайянгардида муқаррар карда мешавад. Маълумот дар бораи масоҳати заминҳое, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, аз ҷониби андозсупоранда ба мақоми андози маҳалли бақайдгириаш то 1-уми июни соли тақвимӣ (ҳисоботӣ) пешниҳод менамояд.

14. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол индексатсияи меъёрҳои андози ягона ва андози заминро мутобиқи сатҳи таваррум дар соли гузаштаи тақвимӣ, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, анҷом дода, меъёрҳои индексатсияшудаи андози ягона ва андози заминро барои соли ҷорӣ дар сомонаи электронии расмии худ ҷойгир мекунад.

15. Давраи андози ягона ин соли тақвимӣ мебошад.

## 5. Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз, мӯҳлатҳо, андоза ва тартиби пардохти андози ягона

16. Ҳар сол то 1-уми марти соли ҷорӣ истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии заминҳои худ эъломияи андози ягона барои соли ҷории тақвимиро бо шакли дар замима ба Дастурамали мазкур овардашуда пешниҳод менамояд.

17. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки маҳсулоти ғайрикишоварзӣ истеҳсол менамоянд, нисбат ба чунин маҳсулот андозҳоро пардохт мекунанд ва ҳисоботи андозро ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии худ дар шакл, бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи низоми дахлдори андозбандӣ пешниҳод менамоянд.

18. Андози ягона барои соли ҷории андоз дар маҳалли ҷойгиршавии заминҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мӯҳлатҳо ва бо андозаҳои зерин (бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол) пардохт карда мешавад:

- на дертар аз 10-уми март ба андозаи на камтар аз 15 фоизи маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми июн ба андозаи на камтар аз 30 фоизи маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми сентябр ба андозаи на камтар аз 50 фоизи маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми декабр ба андозаи на камтар аз 100 фоизи маблағи солонаи андоз.

19. Маблағи пурраи андози ягона метавонад аз ҷониби андозсупоранда бо як пардохт пеш аз мӯҳлат пардохт шавад.

20. Андозсупоранда метавонад маблағи пурраи андози ягонаро тибқи аризаи хаттӣ, ки ҳисоботи андоз ба ҳисоб меравад, то мӯҳлати якуми пардохти дар банди 18 ҳамин Дастурамал муқарраршуда пардозад.

## 6. Гузариши ихтиёрӣ аз андози ягона ба низоми умумии андозбандӣ

21. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки супорандаи андози ягона буда ба шартҳои низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ мебошанд, метавонанд ихтиёран ба пардохти андозҳои тибқи низоми умумии андозбандӣ гузаранд ва супорандаи андози замин ва дигар андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз шаванд. Дар сурати, агар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба низоми умумии андозбандӣ гузаштаанд ба талаботҳои низоми мазкур ҷавобгӯ набудан, пас чунин истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ӯҳдадоранд ба пардохти андози ягона гузаранд. Гузариш аз низоми умумии андоз ба пардохти андози ягона, инчунин гузариши баръакс аз 1-уми январи соли тақвимӣ бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки бо андози ягона андозбандӣ карда шуда, даромади умумии онҳо ба талаботи низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ доранд на дертар аз 10-уми

январи соли тақвимӣ ба мақомоти дахлдори андоз оид ба гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза диҳанд;

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки даромади умумии онҳо ба талаботи низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ намебошад, агар пас аз гузариши онҳо ба низоми умумии андозбандӣ на камтар аз 3 соли тақвимӣ гузашта бошад, ӯҳдадоранд на дертар аз 10-уми январи соли тақвимӣ ба мақомоти дахлдори андоз оид ба гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба пардохти андози ягона ариза диҳанд.

22. Даромади умумии супорандаи андози ягона барои соли тақвимии гузашта дар асоси усули кассавӣ бо ҳамон тартиби барои супорандагони андози низоми соддакардашуда муқарраршуда муайян карда мешавад.

23. Ҳангоми гузариш аз андози ягона ба низоми умумии андозбандӣ ва гузариши баръакси он қоидаҳои гузариш барои супорандагони андози низоми соддакардашудае, ки дар моддаи 297 Кодекси андоз муқаррар шудаанд, истифода бурда мешаванд.

24. То гузариш ба низоми дигари андозбандӣ андозсупоранда ӯҳдадор аст ҳисоббаробаркунии ӯҳдадориҳои андозро аз рӯи низоми андозбандии қаблӣ анҷом диҳад.

***Мисол:*** *Хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Баракат» моҳи январи соли 2013 ба қайд гирифта шуда буд ва аз шаҳри Ҳисор барои истифода 1000 га заминҳои обёрии табиӣ гирифт.*

*Дар соли 2013 ҳамаи ҳосили гандуми гирифташуда бе коркард ба маблағи 550 000 сомонӣ фурӯхта шуд, ки ҳамаи маблағ аз фурӯши гандум ба суратҳисоби бонкии Хоҷагӣ ворид гардид.*

*Дар ин мисол, Хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Баракат» нисбати даромади аз фурӯши гандум гирифташуда, ки коркард нашуда буд супорандаи андози ягона мебошад.*

*Даромади умумии Хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Баракат» бо усули кассавӣ ҳисобшуда дар соли 2013 аз ҳадди даромад (ҳадди даромад барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ) зиёд шуд. Бинобар ин, Хоҷагӣ ӯҳдадор нест аммо ҳуқуқ дорад аз 1 январи соли 2014 ба низоми умумии андозбандӣ гузарад.*

*Дар сурати гузариш ба низоми умумии андозбандӣ Хоҷагӣ ҳуқуқи супорандаи андози ягона буданро гум мекунад ва имкониятҳои истифода намудани имтиёзҳои андозро, ки зербандҳои а) ва д) банди 5 ҳамин Дастурамал пешбинӣ мекунанд аз даст медиҳад.*

*Барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ Хоҷагӣ метавонад на дертар аз 10 январи соли 2014 ба таври хаттӣ мақомоти андози маҳалли бақайдгирии худро доир ба андозаи даромади умуми худ хабардор созад ва оид ба гузариш ба низоми умумии андозбандӣ аз 1 январи соли 2014 ариза диҳад.*

*Мақомоти андоз аз 1 январи соли 2014 ХД «Баракат»-ро ба сифати супорандаи андозҳои низоми умумии андозбандӣ гузаронанд (ба қайд гиранд) ва дар яквақт мутобиқи тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи 161 ва қисми 6 моддаи 162 Кодекси андоз Хоҷагиро ба сифати супорандаи ААИ ба*

*қайд гиранд. Ба ғайр аз ин бо аз даст додани ҳуқуқи супорандаи андози ягона будан мутобиқи қисми 2 моддаи 270 Кодекси андоз доир ба заминҳои истфодамебурда Хоҷагӣ супорандаи андози замин мешавад.*

*Қайд кардан зарур аст, ки агар даромади умумии ХД «Баракат» дар соли 2016 аз 500 000 сомонӣ камтарро ташкил кунад, пас Хоҷагӣ ӯҳдадор аст аз 1 январи соли 2017 гузариши баръакс аз низоми умумии андозбандӣ ба пардохти андози ягонаро амалӣ намояд, яъне баъди гузаштани 3 сол аз лаҳзаи гузариш аз андози ягона ба низоми умумии андозбандӣ.*

## 6. Хусусияти пардохти андозҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ

25. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ғайрикишоварзӣ нисбат ба чунин фаъолият истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ – супорандагони андози ягона иловатан супорандагони андози низоми соддакардашуда ва дар ҳолати аз ҳадди даромад зиёд гардидани даромади умумӣ - андозҳо тибқи низоми умумии андозбандӣ мешаванд ва баҳисобгирии алоҳидаи даромаду хароҷотро аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ пеш мебаранд.

26. Супорандагони андози ягона, ки оид ба навъҳои алоҳидаи даромадҳо ва фаъолият низомҳои дигари андозро истифода мекунанд, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 49 Кодекси андоз ҳисоби даромадҳо ва хароҷотро дар асоси чунин низомҳои андозбандӣ алоҳида пеш мебаранд.

***Мисол:*** *Хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Ваҳдат» дар ноҳияи Ховалинг 10 га боғи себ дорад. Дар соли 2013 ҳосили себ 500 тоннаро ташкил дод.*

*Аз ҷониби Хоҷагӣ 300 тонна себ коркарда шуд. Баъд аз коркард Хоҷагӣ шарбат ва мураббо гирифт, ки онҳоро ба маблағи 580 000 сомонӣ фурӯхт. Боқимонда 200 тонна себе, ки коркард нашуда буданд ба маблағи 130 000 сомонӣ фурӯхта шуданд. Ба ғайр аз ин Хоҷагӣ бо ҷамъбасти соли 2013 аз ҳисоби ба иҷора додани техникаи кишоварзӣ ба андозаи 20 000 сомонӣ даромад гирифт. Ҳамаи савдо (даромад) аз фурӯш дар соли 2013 ба суратҳисоби бонкии Хоҷагӣ дохил шудааст.*

*Дар ин мисол Хоҷагӣ аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи 130 000 сомонӣ ва аз амалиёте, ки бо истеҳсоли кишоварзӣ алоқаманд нест ба андозаи 600 000 сомонӣ даромад дорад (580 000+20 000).*

*Мутобиқи талаботи банди 25 Дастурамали мазкур Хоҷагӣ андози ягонаро аз масоҳати замини ҷудошуда ва иловатан андози низоми соддакардашударо аз фаъолияте, ки ба истеҳсоли кишоварзӣ алоқаманд нест месупорад.*

*Маблағи андози низоми соддкардашудаи андозбандӣ бо ҷамъбасти соли 2013 аз даромаде, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд нест 30 200 сомониро ташкил медиҳад, ки дар инҷо:*

*1) 580 000 * 5% = 29 000 сомонӣ (бо меъёри андоз барои истеҳсолкунандагони мол);*

*2) 20 000 * 6% =1200 сомонӣ (бо меъёри андоз барои намуди дигари фаъолият).*

*Даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи Хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Ваҳдат» аз даромаде, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд нест дар соли 2013 аз ҳадди даромад зиёд шуд (ҳадди даромад барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ). Бинобар ин, Хоҷагӣ ӯҳдадор аст дар қисмати фаъоляте, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд нест аз 1 январи соли 2014 ба низоми умумии андозбандӣ гузарад.*

*Дар ин сурат, Хоҷагӣ дар як вақт дар қисмати фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ супорандаи андози ягона боқӣ мемонад ва ҳуқуқи истифодаи имтиёзҳои пешбининмаудаи зербандҳои а) ва д) банди 5 Дастурамали мазкурро дорад.*

*Барои гузариш оид ба фаъолияте, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ Хоҷагӣ ӯҳдадор аст на дертар аз 10 январи соли 2014 ба таври хатти мақомоти андози маҳалли қайди худро оид ба андозаи даромади умумии худ хабардор созад ва оид ба гузариш ба низоми умумии андозбандӣ нисбат ба чунин фаъолият аз 1 январи соли 2014 ариза диҳад.*

*Мақомоти андоз аз 1 январи соли 2014 дар қисмати фаъолияте, ки ба истеҳсоли кишоварзӣ алоқаманд нест ХД «Ваҳдат»-ро ба сифати супорандаи андозҳои низоми умумии андозбандӣ гузаронанд (ба қайд гиранд) ва дар яквақт мутобиқи тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи 161 ва қисми 6 моддаи 162 Кодекси андоз Хоҷагиро ба сифати супорандаи ААИ ба қайд гиранд. Ба ғайр аз ин мутобиқи қисми 2 моддаи 270 Кодекси андоз доир ба заминҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истфода намешаванд Хоҷагӣ супорандаи андози замин эътироф карда мешавад.*

*Дар ин сурат, дар қисмати фаъолияте, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд нест гузариши баръакс аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми соддакардашуда метавонад танҳо бо гузариши 3 сол аз лаҳзаи гузариши охирон аз низоми соддкардашуда ба низоми умумии андоз, яъне аз 1 январи соли 2017 ба шарте, ки агар даромади умумии ХД «Ваҳдат» аз фаъолияте, ки ба истеҳсоли кишоварзӣ алоқаманд нест барои соли 2016 аз ҳадди даромад камтарро ташкил кунад, иҷро карда шавад.*

*Дар соли 2014 даромади ХД «Ваҳдат» аз фаъолияти ғайрикишоварзӣ бо андозҳои низоми умумии андоз андозбандӣ карда мешавад ва масоҳати қитъаи замини барои фаъолияти кишоварзӣ истифодашаванда бо андози ягона андозбандӣ карда мешавад.*

## 7. Имтиёзҳои андоз

27. Аз андози ягона инҳо озод карда мешаванд:

а) ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, боғҳои ботаникӣ мутобиқи номгӯи чунин ташкилотҳо ва масоҳати ҳудудҳои онҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, агар чунин заминҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нашаванд;

б) дар давоми 5 соли тақвимӣ баъд аз додан заминҳои вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) ва заминҳои дар марҳилаи азхудкунии

кишоварзӣ қарордошта, ки мутобиқи хулосаи Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд;

в) заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд;

г) заминҳои захираи озоди давлатӣ, агар чунин заминҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нашаванд;

д) дар давоми 5 соли тақвимӣ баъди ба андозсупоранда ҷудо намудани заминҳои чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва дигар заминҳое, ки қаблан дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашудаанд ва дар онҳо боғҳо ва токзорҳо бунёд карда шудаанд аз пардохти андози ягона озод карда мешаванд. Доир ба майдони воқеии боғҳо ва токзорҳои дар чунин заминҳо бунёдгардида андозсупоранда ба таври хаттӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии онҳо дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи анҷом ёфтани чунин корҳо иттилоот медиҳад. Дар ҳолати сари вақт пешниҳод нагардидани иттилооти мазкур чунин заминҳо ҳамчун заминҳои бо дарахтони бисёрсола бандбуда, бе пешниҳоди давраи 5-солаи имтиёзноки дар боло пешбинигардида андозбандӣ карда мешаванд.

## 8. Назорат аз рӯи пардохти андоз ва ҷавобгарӣ

28. Андозсупорандагон ӯҳдадоранд баҳисобгирии андозии худро, ки барои ҳисоб намудани даромади умумӣ дар соли тақвимӣ зарур аст, дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ пеш баранд.

29. Андозсупорандагон метавонанд баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотро барои мақсадҳои андозбандӣ дар китоби даромадҳо ва хароҷоти субъектҳои соҳибкории хурд – истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки шакл ва тартиби пур кардани он аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, пеш баранд.

30. Назорати пардохти андози ягона аз ҷониби мақомоти андоз бо кӯмаки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад.

31. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои ба таври лозима иҷро накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.